Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ. – Душанбе, 2025.**

Мавзуи диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович - «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991–2021)» аз рӯйи мазмун, ҳадаф ва вазифаҳои илмии он пурра ба ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мутобиқ мебошад. Дар маркази таҳқиқ масъалаҳои ташаккул ва тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ қарор доранд, ки ба муҳтавои илмии ин соҳа комилан мувофиқ мебошанд.

Аз лиҳози моҳият, таҳқиқоти мазкур ба омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатии робитаҳои Тоҷикистон ва Хитой равона гардидааст. Муаллиф ин равандҳоро дар заминаи тағйироти сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ташаккули сохтори нави геополитикӣ ва болоравии нақши Хитой дар минтақаи Осиёи Марказӣ баррасӣ менамояд. Ин равиш, ки дар он муносибатҳои дуҷониба дар доираи сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар таҳлил шудаанд, ба талаботи илмии ихтисоси таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти он ки пас аз истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таҳкими муносибатҳои хориҷӣ ва пайдо кардани шарикони стратегӣ яке аз самтҳои калидии сиёсати берунӣ гардид, таҳқиқи мавзуи мазкур аз нигоҳи илмӣ ва амалия аҳамияти калон дорад. Дар ин замина, муаллиф на танҳо равандҳои сиёсӣ ва дипломатиро омӯхтааст, балки ҳамчунин, таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин ҳамкориро анҷом додааст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати мазмун ва ҳадафҳои илмӣ пурра ба ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мувофиқат дошта, ба талаботи илмии таҳқиқоти таърихӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мубрам будани мавзуи диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович пеш аз ҳама бо аҳамияти стратегии муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии низоми байналмилалӣ вобаста мебошад. Дар давраи пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати тозаистиқлол дар назди зарурати ташаккули сиёсати хориҷии мустақил қарор гирифт. Дар ин раванд Хитой ба яке аз шариконй муҳими геополитикӣ ва иқтисодии он табдил ёфт. Аз ин рӯ, таҳқиқи равандҳои истиқрор ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар давраи соли 1991 то 2021 на танҳо аз нигоҳи таърихӣ, балки аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ низ аҳамияти назаррас дорад.

Дар шароити ҷаҳонии асри XXI, ки дар он равандҳои геополитикӣ бо суръат тағйир меёбанд, нақши Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи калидии ҳамгироии иқтисодӣ ва амниятии байни Шарқ ва Ғарб бештар афзудааст. Хитой ҳамчун яке аз абарқудратҳои ҷаҳонӣ тавассути ташаббуси стратегии «Як камарбанд, як роҳ» сиёсати фаъолонаи ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистонро пеш мебарад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таҷрибаи муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар тӯли ду даҳсолаи охир барои дарки равандҳои минтақавӣ ва таҳияи сиёсати хориҷии муосир аҳамияти калидӣ дорад.

Дар муҳити илмӣ ва таҳқиқоти таърихӣ то ҳол масъалаи таҳлили системавии муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар давраи истиқлолият ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Гарчанде дар адабиёти илмӣ ҷанбаҳои ҷудогонаи сиёсӣ, иқтисодӣ ё ҳуқуқии ин муносибатҳо зикр шудаанд, аммо таҳқиқи мукаммали онҳо дар заминаи таърихи муносибатҳои байналмилалӣ бо дарназардошти ҳамаи марҳилаҳо ва омилҳои таъсиргузор ниёз ба таҳқиқи ҷиддӣ дошт. Аз ҳамин нуқтаи назар, мавзуи интихобкардаи муҳаққиқ ҷавобгӯи талаботи замон буда, дорои аҳамияти илмӣ ва навгонии таҳлилӣ мебошад.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ дорои аҳамияти баланди илмӣ ва мубрамияти хос буда, ҷавобгӯи талаботи имрӯзаи илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад ва барои таҳияи сиёсатҳои хориҷии муосир ва омӯзиши таҷрибаи муносибатҳои Тоҷикистону Хитой аҳамияти бузург дорад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳим ва арзишманди диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар он ифода меёбад, ки кори ӯ дорои дараҷаи баландтарини навгонӣ ва таҳқиқоти мустақили илмӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз маводи аслӣ, санадҳои расмии байналмилалӣ, қарордодҳо, изҳорот ва ҳуҷҷатҳои бойгонии вазоратҳои корҳои хориҷии

Тоҷикистон, инчунин, таҳлилҳои муосири олимони дохиливу хориҷӣ тавонистааст заминаи илмии устувор барои арзёбии ҷараёни муносибатҳои дуҷониба фароҳам оварад.

Пеш аз ҳама, муаллиф барои аввалин бор дар илми таърихи муосири Тоҷикистон ҷараёни ташаккули муносибатҳои дипломатӣ ва сиёсӣ бо Хитойро дар тӯли се даҳсолаи аввали даврони соҳибистиқлолӣ ба таври системавӣ ва пайдарпай таҳлил намудааст.

Дувум, муаллиф дар кор барои аввалин бор асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии муносибатҳои Тоҷикистону Хитойро ҳамчун омили муҳими таъмини суботи минтақавӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ таҳлил намудааст. Дар ин замина, таҳлили созишномаҳои байниҳукуматӣ, протоколҳо ва изҳоротҳои муштараки роҳбарони ду давлат анҷом дода шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин санадҳо на танҳо табиати ҳуқуқии муносибатҳоро муайян кардаанд, балки ба ташаккули меъёрҳои нави ҳамкориҳои минтақавӣ низ таъсир расондаанд.

Сеюм, дар диссертатсия нақши ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ дар таҳкими истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон бо таҳлили мисолҳои мушаххас мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Чаҳорум, дар кор бори аввал масоили ҳамкориҳои амниятӣ ва низомӣ дар доираи созмонҳои минтақавӣ, махсусан, Созмони ҳамкории Шанхай таҳлил гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой дар соҳаи амният, мубориза бо экстремизм, терроризм ва қочоқи маводи мухаддир ба таҳкими суботи минтақа ва баланд бардоштани иқтидори дифоии кишвар мусоидат намудааст.

Панҷум, як навгонии муҳими илмии ин кор таҳлили ҷанбаҳои фарҳангӣ ва гуманитарии ҳамкорӣ мебошад. Муаллиф масъалаҳои мутақобилаи фарҳангӣ, мубодилаи донишҷӯён, таъсиси марказҳои Конфутсий, робитаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ миёни ду кишварро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Шашум, аз лиҳози методологӣ, кори диссертант бо истифода аз усулҳои таҳлили таърихӣ, геополитикӣ, муқоисавӣ ва таҳлили мазмунӣ анҷом ёфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки воқеаҳои таърихиро бо равандҳои сиёсати муосир пайванд дода, аз нуқтаи назари илмӣ тавсиф намояд. Ин тарзи таҳқиқ имконият медиҳад, ки муносибатҳои Тоҷикистону Хитой ҳамчун падидаи мураккаби таърихӣ ва геостратегӣ арзёбӣ гарданд.

Ҳафтум, дар диссертатсия бори аввал нақши ташаббуси байналмилалии "Як камарбанд, як роҳ" дар густариши ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой таҳлил шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин

ташаббус имкониятҳои нави иқтисодӣ, нақлиётӣ ва сармоягузориро барои Тоҷикистон фароҳам оварда, ба тавсеаи инфрасохтор ва рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намудааст.

Ҳаштум, яке аз дастовардҳои илмии муҳими кори мазкур таҳлили омилҳои сиёсию иқтисодии муосир, ки ба рушди муносибатҳои дуҷониба таъсир мерасонанд, мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки робитаи байни манфиатҳои геополитикии Хитой ва эҳтиёҷоти стратегии Тоҷикистонро дар доираи сиёсати хориҷӣ муайян созад.

Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дорои навгониҳои илмии воқеӣ ва арзиши назариявию амалӣ мебошад. Муаллиф бо истифодаи васеи сарчашмаҳо, таҳлили муфассали марҳилаҳои ҳамкорӣ ва пешниҳоди хулосаҳои нав саҳми назаррас дар омӯзиши таърихи муносибатҳои байналмилалӣ гузоштааст.

Асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини сатҳи диссертатсияи илмӣ маҳсуб меёбад. Дар кори илмии Зокиров И.И. ин ҷанбаҳо бо риояи пурраи талаботи методологӣ ва мантиқи таҳқиқ таъмин гардидаанд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба истифодаи васеи манбаъҳои муосир ва аслӣ такя намудааст. Аз ҷумла:

– ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти давлатии Тоҷикистон ва Хитой;
– шартномаҳо ва эъломияҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатӣ;
– маводи бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– изҳорот ва суханрониҳои расмии сарони давлатҳо;
– таҳқиқоти олимон ва коршиносон;
– маълумотҳои расонаҳои боэътимоди илмӣ ва оммавӣ.

Ин сарчашмаҳои мухталиф ба муҳаққиқ имкон додаанд, ки маводи таҳқиқотӣ на танҳо воқеӣ, балки аз ҷиҳати илмӣ ва амалии эътимоднок бошад.

Ҳамаи хулосаҳои асосии диссертатсия дар асоси таҳлили муфассали далелҳо, муқоисаи манбаъҳо ва арзёбии мунтазам пешниҳод шудаанд. Муаллиф ҳар як ҷанба - сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитойро бо такя ба далелҳои мушаххас ва рақамҳои воқеӣ асоснок намудааст.

Дар бахши хулосаҳо ва тавсияҳо муҳаққиқ тавонистааст, ки натиҷаҳои бадастомадаро ба шакли мулоҳизаҳои амалан татбиқшаванда пешниҳод намояд.

Ин тавсияҳо бо далелҳои мушаххас асос ёфтаанд ва ба равандҳои воқеии сиёсати хориҷӣ иртиботи мустақим доранд.

Муаллиф ба таври возеҳ нишон додааст, ки ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳқиқоти мустақил ва таҷзияву таҳлили шахсии ӯ ба даст омадаанд. Ҳеҷ як бахши кори илмӣ хусусияти иқтибосии бевосита ё такрори таҳқиқоти қаблиро надорад, ки ин далели сатҳи баланди мустақилияти таҳқиқот мебошад.

Ба таври умум, диссертатсия дорои асоснокии илмии қавӣ, боэътимодии хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ буда, ҳамаи натиҷаҳо бо такя ба таҳқиқоти амиқи назариявӣ ва таҳлили воқеии равандҳои сиёсати хориҷӣ баён гардидаанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, номгӯи ихтисосраҳо, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқ баён гардида, дараҷаи омӯзиши масъала, аҳаммияти назариявӣ, навгониҳои таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, аҳаммияти амалии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он мушаххас баён карда шудааст.

Боби якуми таҳқиқот - «Ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби мазкур «Заминаҳои таърихии ташаккули ҳамкориҳои халқҳои тоҷику хитой» муаллиф таърихи ҳамкориҳои ду халқ, марҳилаҳои рушди онҳо, таъсири мутақобилаи фарҳангӣ ва хусусиятҳои хоси онро таҳлил намудааст.

Мусаллам аст, ки таърихи ҳамкориҳои халқҳои тоҷику хитойӣ аз даврони қадим манша мегирад. Дар асрҳои IX-X дар замони давлати Сомониён алоқаҳои тиҷоратӣ бо Хитой рушд менамояд.

Ба ақидаи муаллиф, дар давраи Шӯравӣ муносибатҳои мустақил миёни Тоҷикистон ва Хитой ба назар намерасид. Новобаста аз ин, дар чаҳорчӯбаи Вазорати тиҷорати хориҷии собиқ ИҶШС, савдои хориҷии Союзвнешторг миёни кишварҳо муомилоти молу маҳсулот ба назар мерасид. Аз Тоҷикистон ба Хитой трансформаторҳои барқӣ, яхдонҳои “Помир”, дастгоҳҳои бофандагию ресандагӣ, матоҳои пахтагӣ, матоъҳои абрешимӣ, алюминӣ, ҳамчунин, пахта ва монанди онҳо содир карда мешуд.

Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки танҳо бо касби истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар соли 1991 ба ҳамкориҳои бисёрсатҳаи сиёсӣ-

дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни давлат ва халқҳои мо дубора мустаҳкам гардид.

Зербоби дуюми боби якум - «Барқароршавии робитаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар замони истиқлол» ном гирифта, муаллиф дар он раванди ташаккули ҳамкориҳои сиёсии ҷонибҳоро дар радифи касби истиқлолият баррасӣ намудааст.

Муаллиф менависад, ки баъд аз эълон кардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хитой яке аз аввалин кишварҳое буд, ки 4 январи соли 1992 бо Тоҷикистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд. Дар марҳалаи аввали истиқлолият заминаи аҳдномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои сиёсӣ-дипломатӣ гузошта шуданд, ки асоси рушди ҳамкориҳои мутақобила гардиданд.

Боби дуюми диссертатсия – «Ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой» аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боб «Вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар охири асри XX ва оғози асри XXI» ном гирифта, дар он вазъи иқтисодии Тоҷикистон баъд аз касби истиқлолият, мушкилоти солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди он ва тавсифи иқтисоди Хитой ва дастовардҳои кишвар дар охири асри XX ва оғози асри XXI баррасӣ мегарданд.

Диссертант хулоса мебароварад, ки таҳлили вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хитой нишон доданд, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ иқтисоди Тоҷикистон дар ҳолати риққатовар буд, зарари фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба он расида, танҳо аз соли 1997 болоравии иқтисоди кишвар ба назар мерасад.

Зербоби дуюми ин боб – «Сатҳи рушди ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой: самтҳои асосии он» ном дошта, муаллиф рушди тадриҷии ҳамкориҳои иқтисодӣ ва самтҳои афзлиятноки онро нишон медиҳад.

Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Тоҷикистону Хитой дар ибтидои солҳои 90-ум дар сатҳи паст буда, бо истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, танзими баҳсҳои сарҳадӣ ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни кишварҳо бо суръати баланд инкишоф ёфтанд. Дар ин радиф яке аз омилҳои умқ ва тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитой ин ифтитоҳи гузаргоҳи Кулма/Қаросу дар сарҳади давлатҳо соли 2004 мебошад.

Бо талоши роҳбарияти Тоҷикистон ва Хитой гардиши тиҷоратӣ байни кишварҳои ҳамҷавор ҳамасола афзоиш меёбад. Айни замон дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 400 корхонаҳои хитойӣ амал менамоянд. Аз ҷониби ширкатҳои хитойӣ дар ҳудуди Тоҷикистон теъдоди зиёди лоиҳаҳои калонмиқёси инфрасохторӣ амалӣ гардиданд, ки бо сохтмони роҳҳои автомобилӣ, нақбҳо, хатҳои интиқоли барқ, зеристгоҳҳо ва ғайра алоқаманд мебошад.

Боби сеюми рисола «Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаҳои маориф, фарҳанг ва дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ» ном гирифтааст.

Зербоби якуми ин боб – «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар соҳаи маориф ва фарҳанг» буда, рушди ҳамкориҳои ду кишварро дар соҳаи фарҳанг ва маориф нишон медиҳад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар соҳаи фарҳанг ва маориф нишон дод, ки Тоҷикистон ва Хитой ҳамкориҳои фарҳангиро дар асоси манфиати мутақобила инкишоф дода истодаанд. Дар ин самт, теъдоди зиёди созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ баста шудаанд. Аз ин рӯ, бастани созишномаҳо дар бахшҳои алоҳидаи соҳаи фарҳанг, аз ҷумла, омода кардани мутахассисони соҳаи синамо, театр, сиркбозон ва меъморон аз аҳаммият холӣ нест.

Бояд гуфт, ки дар рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Хитой нақши чорабиниҳои фарҳангӣ, сафарҳои ҳунарӣ, чорабиниҳои тантанавӣ, баромадҳои ҳунарпешаҳо, гурӯҳҳои рақсӣ ва сарояндаҳо, табодули намоишҳои мусаввара ва нақшу нигораҳо, намоиши ёдгориҳои таърихӣ дар осорхонаҳои миллии якдигар хеле муҳим мебошанд.

Зербоби дуюми боби сеюм таҳти унвони «Ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СҲШ ва СММ» тавсеаи равобити бисиёрҷонибаи кишварҳоро дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ инъикос менамояд.

Дар низоми муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон ҳамкорӣ бо ҳамсояи бузурги шарқӣ Хитой дар чаҳорчӯбаи СММ ва СҲШ ҷойгоҳи хосаеро ишғол менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хитой дар доираи СҲШ ҳамкориҳои мутақобиларо дар тамоми соҳаҳои манфиатбор дастгирӣ менамоянд. Имрӯз ҳарду давлат талошҳои хешро дар ҳамбастагӣ бо дигар давлатҳои аъзо ҷиҳати таҳкими дӯстӣ, суботи минтақавӣ ва мубориза мушатарак бар зидди тамоми падидаҳои номатлуб равона намудаанд. Аз ин рӯ, дар доираи созмон ҳангоми қабули қарорҳои дахлдор нисбати масъалаҳои

мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ бояд ҳамдилии кишварҳо, махсусан, ҳамдигарфаҳмӣ миёни Тоҷикистону Хитой таъмин карда шавад.

Бинобар ин метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хитой ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар доираи СҲШ ва СММ аз муносибатҳои дӯстона, робитаҳои манфиатбор, ҳамкориҳои созанда ва умуман, шарикии стратегӣ пайравӣ менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дар асоси фикри ҷамъбастии муаллиф пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои вай оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Диссертатсияи Зокиров И.И. дорои аҳамияти фарох ва бисёрҷанба мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот на танҳо барои рушди илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ аҳамияти назариявӣ доранд, балки барои сиёсати амалӣ, иқтисодиёт ва фарҳанги ҳамкории Тоҷикистону Хитой низ қобили истифода мебошанд.

**А) Аҳамияти илмӣ.** Пеш аз ҳама, кори мазкур ба такмили заминаи назариявии таҳқиқи муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон саҳми муҳим мегузорад. Муаллиф тавонистааст, ки таҷрибаи 30 соли ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитойро ба таври илмӣ ҷамъбаст намуда, таҳлилҳои нав оид ба самтҳои стратегӣ, механизмҳои ҳамкорӣ ва таъсири онҳо ба амнияти минтақавӣ пешниҳод намояд.

Пажӯҳиш барои таҳияи корҳои минбаъдаи илмӣ оид ба мавзуъҳои “дипломатияи ҳамгирой”, “сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар самти шарқӣ”, “нуфузи иқтисодии Хитой дар Осиёи Марказӣ” ва “таъсири геополитикии Хитой ба кишварҳои ҳамсоя” асоси назариявӣ фароҳам меорад.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар омодасозии барномаҳои таълимӣ барои фанҳои “Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ”, “Сиёсати хориҷии Тоҷикистон” ва “Дипломатияи иқтисодӣ” дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд.

**Б) Аҳамияти амалӣ.** Аз ҷиҳати амалӣ, диссертатсия дорои арзиши баланди истифодабарӣ мебошад. Муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст, ки метавонанд дар фаъолияти сохторҳои марбутаи давлатӣ татбиқ шаванд:

- Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ барои такмил додани самтҳои сиёсати шарқӣ ва ҳамкориҳои стратегӣ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой;
- Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ – татбиқи тавсияҳо оид ба ҷалби самараноки сармоягузориҳои Хитойӣ бо дарназардошти ҳимояи манфиатҳои миллӣ;

- Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – истифодаи таҳлилҳои муаллиф дар таҳияи санадҳои барномавӣ ва пешгӯиҳои сиёсати хориҷӣ;

- Фаъолияти сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар Хитой – истифодаи натиҷаҳои илмӣ барои таҳкими робитаҳои фарҳангӣ, таҳсилотӣ ва гуманитарӣ.

**В) Аҳамияти иқтисодӣ.** Дар қисмати иқтисодӣ, диссертатсия бо таҳлили таъсири сармоягузориҳои Хитой ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва рушди инфрасохторӣ арзиши амалӣ дорад. Муаллиф нишон додааст, ки ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, истихроҷи маъдан ва истеҳсолоти саноатӣ ба таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар мусоидат мекунанд.

Тавсияҳои муҳаққиқ оид ба таҳияи механизмҳои идоракунии вобастагии иқтисодӣ ва баланд бардоштани ҳиссаи истеҳсолоти миллӣ барои таъмини рушди устувори Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд.

**Г) Аҳамияти иҷтимоӣ**. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, натиҷаҳои диссертатсия дар таҳкими ҳамкориҳои башардӯстона, мубодилаи фарҳангӣ ва густариши муносибатҳои мардум бо мардум нақши назаррас доранд. Муаллиф таъкид мекунад, ки рушди робитаҳои илмӣ, таълимӣ ва фарҳангӣ метавонад ба баланд бардоштани сатҳи донишҳои байналмилалӣ ва муаррифии мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон мусоидат намояд.

Ғайр аз ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки таҷрибаи муваффақи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи фарҳанг, таҳсилот ва сайёҳӣ ҳамчун намуна барои таҳкими робитаҳои Тоҷикистон бо дигар кишварҳои Осиё истифода шавад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии васеъ мебошанд. Онҳо метавонанд дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳияи сиёсати давлатӣ, барномаҳои рушди иқтисодӣ ва густариши робитаҳои байналмилалӣ татбиқ гарданд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим ва ҳатмии дараҷаи омодагии диссертант ба ҳимояи корҳои илмӣ ин нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда мебошад.

Муаллиф Зокиров Иброҳим Исмоилович дар ин самт низ фаъолият ва масъулияти баланди илмӣ нишон додааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар як қатор мақолаҳо ва корҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Аз ҷумла, мақолаҳои ӯ дар 5 мақолаи илмии маҷаллаҳои тақризшаванда ва 2 мақолаи илмӣ дар

маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

Ин мақолаҳо муҳимтарин натиҷаҳои илмии диссертатсияро дар бар мегиранд ва далели равшани онанд, ки муҳаққиқ дар ҷараёни таҳқиқ фаъолона дар муҳити илмии дохиливу хориҷӣ ширкат варзидааст.

Ғайр аз ин, муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад намуда, мавқеи назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҳимоя кардааст. Ин ҳама ба баланд шудани сатҳи эътимоднокӣ ва арзиши илмии кори ӯ мусоидат намудааст.

Ба таври умум, метавон гуфт, ки маводҳои нашршуда пурра ба талаботи банди 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд ва далели омодагии муаллиф ба ҳимояи муваффақонаи рисолаи номзадӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки диссертатсияи мазкур дар баробари дорои аҳамияти баланди илмӣ ва таҳлилӣ будан, дар он баъзе нуқсону норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Пеш аз ҳама, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми омодасозии диссертатсия асосан усули таърихӣ истифода шудааст, муаллиф метавонист аз дигар усулҳои таҳқиқоти илмӣ истифода барад;

2. Дар диссертатсия арзёбии натиҷаҳои ҳамкориҳо бештар хусусияти тавсифӣ дошта, ба ояндаnigарии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой диққати махсус дода нашудааст;

3. Муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар асоси асноди расмӣ ва ҳуҷҷатҳои давлатӣ баррасӣ гардида, бештар аз нуқтаи назари Тоҷикистон таҳлил шудаанд ва дидгоҳи Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бисёр мавридҳо кам инъикос ёфтааст;

4. Ҳангоми натиҷагирии робитаҳои иқтисодии Тоҷикистону Хитой муаллиф аз ҷадвалҳои муқоисавӣ ва диаграммаҳо истифода накардааст, дар ҳоле, ки истифодаи чунин унсурҳои визуалӣ метавонад барои дарки амиқтар ва возеҳтари таҳлил мусоидат намояд ва илова бар ин, дигар навъи пешниҳоди маълумот, ба мисли графикҳо ё инфографикаҳо низ метавонанд ба таҳлили маълумоти омории диссертатсия равшанӣ андозад;

5. Инчунин, дар матни диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасад.

Дар умум, ин эродҳо қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, балки дар оянда бартараф намудани онҳо ба сатҳи илмии он арзиши баланди илмӣ зам менамоянд.

Диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991–2021)» аз рӯи мазмун, сохтор ва шакли иҷро пурра ба талаботи талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Таҳлили сохтор ва мазмуни рисола нишон медиҳад, ки муҳаққиқ дар раванди таҳияи он ҳамаи унсурҳои ҳатмии кори илмии сатҳи номзадиро риоя намудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат буда, дорои мантиқ, пайдарҳамӣ ва асоснокии илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия низ, ки шакли фишурдаи таҳқиқот ба ҳисоб меравад, ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад.

Сабки забон мутобиқи меъёрҳои илмии тоҷикӣ буда, услуби баён равшан, дақиқ ва беғараз аст. Дар диссертатсия иқтибосҳо ва истинодҳои дохилиматнӣ дуруст оварда шудаанд, рӯйхати адабиёт дорои сарчашмаҳои асосӣ ва нав мебошад, ки ҳам адабиёти ватанӣ ва ҳам хориҷиро дар бар мегирад.

Тибқи талаботи муайяншуда, муҳаққиқ аз истифодаи манбаъҳои аввалия, асарҳои илмии муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ, инчунин, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ васеъ истифода намудааст.

Дар таҳқиқ қоидаҳои ҳуҷҷатгузории илмӣ, низоми истинoддиҳӣ ва тарзи зикри сарчашмаҳо риоя шудаанд. Матн бо забони адабии тоҷикӣ ва бе хатоҳои ҷиддии грамматикӣ таҳия шудааст.

Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати шакл, мазмун ва барасмиятдарорӣ ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, барои пешниҳод ба ҳимоя омода мебошад.

Дар маҷмуъ, баррасии пурраи диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991–2021)» нишон медиҳад, ки ин таҳқиқот як кори анҷомёфтаи илмӣ буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳамаи ҷанбаҳои зикршуда, метавон гуфт, ки диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович ба ҳамаи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, аз рӯи мазмун, сатҳи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявиву амалӣ сазовори пешниҳод шудан ба ҳимояи рисолаи номзадӣ дар ихтисоси 07.00.15-таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15-таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмии Муассисаи давлатии «Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», номзади илмҳои таърих

«10» 10 соли 2025 Қудратов Комрон Абдунабиевич

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5; Тел.: (+992) 935-28-28-62;
E-mail: komron.kudratov@gmail.com

Имзои Қудратов К.А.-ро тасдиқ мекунам: мудири шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ

«10» 10 соли 2025 Қурбонов Элмурод Турсунмуродович

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5; Тел.: +992(37) 234-88-02, +992(37) 234-88-24;
E-mail: info@iutet.tj Сомона: https://www.iitss.tj/